## Барномаҳои намойишсоз



Гарчанде тавассути экрани компютер қариб тамоми амалиёти зарурӣ ва дилхоҳро анҷом додан мумкин бошад ҳам, вале ҳангоми хондани лексия ва пешниҳод кардани маводҳои таълимӣ, дар конфронсҳои илмӣ ё таълимию методӣ хондани маърӯзаҳои илмӣ ё методии намойишӣ, пешниҳод намудани лоиҳаҳои фармоишӣ ё намойишҳои таблиғотӣ дар семинарҳо ё симпозиуму ҷаласаҳо ва ғайра аллакай имкониятҳои экрани компютер нокифоя аст. Дар чунин мавридҳо одатан ба компютер проектори электронӣ насб мекунанд, ки бо ёрии он тасвири экрании компютерро якчанд маротиба калонтар намудан ва намойиш додан мумкин аст.



Имрӯз қариб ҳамаи синфхонаҳои таълимии компютерӣ, толорҳои лексионӣ, кабинетҳои фаннӣ, маҷлисгоҳу намойишгоҳҳо, толорҳои семинарӣ, конфронсӣ ва ғайра пешакӣ бо тахта, экран ва проекторҳои электронӣ муҷҷаҳаз гардонида шудаанд. Аммо барои дар шакли дастрас, оммафаҳм ва шавқовар пешниҳод намудани муҳтавои маърӯзаҳо ё матни лексияҳо онҳоро бо ёрии барномаҳои махсус тайёр кардан ва намойиш додан лозим аст. Синфи ин гуна барномаҳоро таҳриргарони намойишсоз меноманд.

*Барномаҳое, ки барои сохтан, таҳрир кардан ва пешниҳод намудани намойишҳои таълимӣ, илмӣ, лоиҳавӣ, таблиғотӣ ва ғайра пешбинӣ шудаанд, таҳриргарони намойишсоз номида мешаванд.*



Экрани сайёр



Проектори электронӣ



Компютери фардӣ

Намойишсозӣ яке аз воситаҳои тавоно ва асосии маркетинг ва рекламаи ҷаҳони муосир ба шумор рафта, дар заминаи он фаъолияти корхонаҳои нав ба кор оғозкунанда, сифати маҳсулоти онҳо, навъҳои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ, тарзи ташкили таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва ғайра барои назарандозӣ ва хулосабардорӣ пешкаши умум гардонида мешавад.

Барномаҳои намойишсоз дорои имкониятҳои таҳия, таҳрир ва намойиш додани санадҳои махсус мебошанд. Бо ёрии онҳо, ҳамчунин, санадҳои тавассути дигар барномаҳо эҷодгардидаро, аз қабили: иттилооти матнӣ, графикӣ, формулавӣ, расмӣ, ҷадвалӣ, суруду мусиқӣ ва ғайраро барои мураттабсозии намойиш муттаҳид сохтан ва пешкаши истифодабарандагон ё тамошобинон гардонидан мумкин аст.

Таҳриргарони намойишсоз дар муҳити кории тамоми системаҳои амалиётӣ, масалан MS Windows ё Linux, кор карда метавонанд. Мо дар ин боб бо баъзе барномаҳои намойишсози бастаи OpenOffice низ шинос хоҳем шуд, ки онҳо дар ҳарду системаи амалиётӣ ҳам муътадил кор мекунанд. Аз ин барномаҳо истифода бурда, намойишномаҳои сатҳи зарурӣ ва слайд-филмҳои гуногунро офаридан мумкин аст.

Бо ёрии таҳриргарони намойишсоз, пеш аз ҳама, мазмуни иттилооти матниро ба шакли дастрас ва аёнӣ овардан мумкин аст. Барои худкор сохтан ва ба роҳ мондани раванди зудкори намойишсозӣ дар ин барномаҳо қолабҳои тайёри намунавӣ ва мавзӯъҳои стандартии пешакӣ сохташуда пешбинӣ шудаанд. Ба истифодабарандагони компютер намунаҳои касбии намойишҳо ва дизайнҳои мавзӯъӣ пешкаш карда мешаванд.

Барномаҳои намойишсоз барои ҷадвалсозӣ, расмкашӣ ва диаграммасозӣ дорои тамоми воситаҳои зарурӣ мебошанд. Дар раванди намойишсозӣ ба слайдҳои он ҳамеша имконияти илова намудани ҷаззобиятҳои овозӣ ва аниматсионӣ вуҷуд дорад. Намойишҳои тавассути ин барномаҳо тайёршударо дар шакли санадҳои электронӣ бо ёрии шабакаи саросарии компютерии Интернет ба оламиён паҳн намудан мумкин аст.

**Вазифаҳои барномаҳои намойишсоз:**

- идора намудани раванди намойиш;
- муайян ва идора намудани пайдарпайии намойиши слайдҳо ва гузариши байни онҳо;
- интихоби шакли зоҳирии слайдҳо;
- корбарӣ бо матнҳо, ҷадвалҳо, тасвирҳои графикӣ, сабтҳои овозӣ ва видеоӣ;
- истифодаи объектҳои протсессорҳои матнӣ, ҷадвалҳои электронӣ, Internet ва ғайра.

**Имкониятҳо ва хосиятҳои намойишҳо:**

- аз маҷмӯи слайдҳо иборат будан;
- бо ёрии моҳири намойишсоз тайёр намудани слайдҳои худкор;
- тавассути параметрҳои соҳаи корӣ муайян намудани андоза ва тамоюли слайдҳо;
- ба слайдҳо вобаста кардани хусусиятҳои хосаи намойишӣ;
- бо истифода аз намунаҳои оройишӣ тағйир додани хосиятҳо ва сохтори рангӣ, заминавӣ, ҳуруфӣ ва ғайраи слайдҳо;
- муайян намудани тарзи ҷойгиркунии иттилоот дар слайд: сарлавҳа, матн, расмҳо, ҷадвалҳо, навиштаҷотҳо ва ғайра;
- илова намудани таассуротҳои (тақвият, эффект) аниматсионӣ, садоӣ, намудоршавӣ, хомӯшшавӣ, фосилавӣ ва ғайра ба слайдҳои намойиш.

**Мафҳумҳои калидии технологияи намойишсозӣ:**

**Намойиш** (presentation - презентация) - маҷмӯи слайдҳо, воситаҳои пешниҳодкунӣ, маводҳои тақсимшаванда, матни лексияҳо ва нақшаи баромад, ки ба мавзӯъи муайян бахшида шудаанд ва дар парвандаи махсус нигоҳ дошта мешаванд.

**Слайд** (slide) - ҷузъи алоҳидаи намойиш мебошад. Ҳар як слайд метавонад иттилооти шакл ва хосиятҳои гуногундоштаро дар бар гирад: сарлавҳа, матн, график, диаграмма, ҷадвал, расм, дигар объектҳои тасвирӣ ва чандрасонаӣ. Слайдҳоро ба воситаи чопгар дар коғаз ё наворҳои шаффоф чоп намудан мумкин аст.

**Маводи тақсимшаванда** - слайдҳои намойиш, ки дар як сафҳаи коғаз дар шакли яктогӣ, дутогӣ, чортогӣ, шаштогӣ ё ҳаштогӣ чоп карда шуда, бо мақсади хаттӣ пешниҳод намудани маърӯза паҳн карда мешавад.

**Конспекти маърӯза** - шакли хурдкардашудаи тасвири чопии слайд дар матни маърӯза, ки дар рафти намойиш ва баромади маърӯзачӣ ба иштирокчиёни маҳфил тақсим карда мешавад.

**MS PowerPoint** – барномаи машҳури намойишсоз аз MS Office.

**OOImpress** – барномаи машҳури намошсоз аз OpenOffice, ки ҳам дар муҳити СО MS Windows ва ҳам СО Linux якхела кор карда метавонад.

**Саволҳо:**

1. Дар кадом мавридҳо андозаи экрани компютер наметавонад ҷавобгӯйи ҳалли масъала бошад?
2. Намойиш чист? Слайд чӣ? Барномаи намойишсоз чӣ?

3. Мафҳумҳои калидии технологияи намойишсозӣ кадомҳоянд?
4. Вазифаи асосии барномаҳои намойишсоз аз чӣ иборат аст?
5. Шумо оид ба кадом имкониятҳои барномаҳои намойишсоз маълумот доред?
6. Кадом барномаҳои намойишсозро номбар карда метавонед? Онҳо дар муҳити кадом системаҳои амалиётӣ кор карда метавонанд?
7. Барои ташкил намудани намойиш аз кадом сахтафзорҳоро истифода мебаранд?
8. Бо кадом мақсад намойишсозӣ мекунанд?

**Супориш:**

1. Мавзӯъро бодиққат хонед ва имкониятҳову вазифаҳои барномаҳои намойишсозро номбар кунед.
2. Мафҳумҳои калидии технологияии намойишсозиро таъриф диҳед.
3. Доир ба намойишсозӣ нақшаи баромад созед ва дар асоси он маърӯза нависед.
4. Барои баромади худ конспект ва маводи тақсимшаванда созед.